| | |
|---|---|
| **Тасдиқ мекунам**<br>Вазири адлияи Ҷумҳури Тоҷикистон<br>___________<br>«___»__________2021 | **Тасдиқ мекунам**<br>Вазири иқтисод ва савдои Ҷумҳури Тоҷикистон<br>___________Завқизода З.А.<br>«___»__________2021 |

**Низомномаи**
**фаъолияти Гурӯҳи корӣ оиди самаранокии системаи идоракунии давлатӣ ва волоияти қонун**
**(**Дар ҷаласаи Гурӯҳи корӣ ------ аз----- --------соли 2021 муҳокима шудааст**)**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1.1. Дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳури Тоҷикистон (ВА ҶТ) Гурӯҳи корӣ оиди самаранокии системаи идоракунии давлатӣ ва волоияти қонун (минбаъд - Гуруҳи корӣ) дар сатҳҳои роҳбарикунанда ва техникӣ таъсис дода мешавад ва он яке аз гурӯҳҳои кории байниидоравие мебошад, ки дар ҳайати Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

1.2. Гурӯҳи корӣ бо мақсади таъмини ҳамгироии раванди ҳамоҳангсозии ҳадафу вазифаҳои СРМ-2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор оиди ҳалли масъалаҳои самаранокии системаи идоракунии давлатӣ ва волоияти қонун дар барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, раванди буҷет, ва ҳамчунин ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, муассисаҳои СММ, шарикони рушд ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, ки дар ин самт кор мекунанд, таъсис дода мешавад.

**2. Вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Гурӯҳи кории байниидоравӣ**

- ворид намудани тағйирот ба ҳайати ГК;
- иштирок дар ҷаласаҳои ГК;
- омода намудан ва пешниҳоди маводи зарурӣ барои ҷаласаҳои ГК;
- муҳокимаи маъсалаҳо ва душвориҳои мавҷуда дар татбиқи СРМ 2030, матритсаи амали БМР ва нишондиҳандаҳои ҲРУ оиди масълаҳои самаранокии системаи идоракунии давлатӣ ва волоияти қонун дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ;
- қабули қарорхо дар доираи фаъолияти Гурӯхи корӣ;

- муҳокимаи рафти татбиқи СРМ -2030, БРМ ва ҲРУ;
- таҳлили рафти иҷрои чорабиниҳо дар самти алоҳидаи ҳар як вазорату идора, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба СРМ-2030, БРМ, ҲРУ ва барномаҳои соҳавӣ;
- таҳияи ҳисоботҳои миёнамӯҳлат ва ниҳоӣ оиди татбиқи СМР-2030, БРМ ва ҲРУ дар доираи самти фаъолияти гурӯҳи корӣ;
- пешниҳоди ҳисоботи миёнамӯҳлат ва ниҳоӣ ба муассисаҳои пешбар мувофиқи шакли тасдиқшудаи ҳисоботӣ.

## 3. Самтҳои асосии фаъолияти Гурӯҳи корӣ

Гурӯҳи корӣ дар самтҳои зерин фаъолият мекунад:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои СММ ва ҳамаи шарикони манфиатдор дар самти ҳалли масъалаҳои самаранокии системаи идоракунии давлатӣ ва волоияти қонун, ки дар СРМ-2030, БМР, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои маҳаллӣ ва соҳавӣ оиди рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян карда шудаанд;
- таҳкими механизмҳои системаи идоракунии банақшагирии стратегӣ;
- такмили сохтори идоракунии кишвар, такмили равандҳои маъмурӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсат дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- таъмини макомоти давлатӣ бо кадрҳои соҳибихтисос ва салоҳиятдор;
- таҳкими ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо;
- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ;
- такмили низоми худидоракунии маҳаллӣ;
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ.
- таъмини дастрасии омма ба ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли электронӣ ва муқаррар намудани усули ҳамоҳангсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо ҷалби васеи бахшҳои гуногуни ҷамъият;
- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ;
- такмили фаъолияти низоми судӣ тавассути такмили вазифаҳо ва механизмҳои ҳамкории онҳо;
- такмили низоми расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолӣ;
- такмили сиёсат ва механизмҳои пешгирии ҳама гуна табъиз ва зӯроварӣ;
- паст кардани сатҳи коррупсия;
- муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо аз фаъолиятҳои ҷиноятӣ;
- пурзӯр намудани нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар роҳи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон.

## 4. Сохтор ва мақоми Гурӯҳи корӣ

4.1. Гурӯҳи корӣ, ки бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон таъсис ёфтааст, мақоми машваратӣ дошта, фаъолияти он аз ҷониби ВА ҶТ ва ВРИС ҶТ тибқи Низомномаи мазкур ҳамоҳанг карда мешавад.

4.2. Гурӯҳи корӣ фаъолияти худро ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва амалӣ намудани вазифаҳои асосӣ дар асоси Низомномаи мазкур ва қарорҳои Гурӯҳи корӣ амалӣ менамояд.

4.3. Аъзоёни гурӯҳи корӣ намояндагони мақомоти давлатии дахлдори зерин мебошанд:

- Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ,
- Вазорати молияи ҶТ,
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Прокуратураи генералии Ҷумҳури Тоҷикистон
- Суди Олии Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳури Тоҷикистон,
- Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон,

шарикони рушд:

- БР СММ (ПРООН),
- ЮНИСЕФ,
- СБТ,
- СММ-Занон

бахши хусусӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ:

-Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Тоҷикистон,
-Лигаи занон-ҳуқуқшиносони Тоҷикистон.

4.4. Аъзоёни Гурӯхи корӣ ҳуқуқ доранд:

- дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ иштирок намоянд, бо ташаббусҳояшон баромад кунанд, аз рӯи моҳияти масъалаҳои муҳокимашаванда пешниҳодҳо, эродҳо ва ислоҳот ворид намоянд, ба гурӯҳҳои мавзӯӣ ва гурӯҳҳои коршиносон мутахассисонро пешниҳод намоянд;
- дар таҳия ва татбиқи пешниҳодҳои қабулнамудаи Гурӯҳи корӣ иштирок намоянд;
- тамоми маълумотеро, ки барои иҷрои вазифаҳояшон ҳамчун аъзои Гурӯҳи корӣ заруранд, гиранд ва шинос шаванд;
- дар ҷаласаҳои гурӯҳҳои мавзӯӣ ва гурӯҳҳои коршиносон бо ҳуқуқи овоз(диҳи)и машваратӣ иштирок намоянд;
- озодона фикру ақидаи худро оид ба ҳар як масъалаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ баён кунанд.

4.5. Аъзоёни гурӯҳ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти Гурӯҳи корӣ, омода ва ташкили ҷаласаҳои он, ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба иҷрои қарорҳои Гурӯҳи корӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи фаъолияти он, Роҳбар ва Котиб(от)и масъули Гурӯҳи кориро интихоб мекунанд.

4.6. Фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад:
- гузаронидани ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ;
- фаъолияти аъзоёни Гуӯҳи корӣ;
- кори гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносӣ;

4.7. Гурӯҳи корӣ, чун қоида, дар ҳайати худ гурӯҳҳои мавзӯъӣ ва коршиносиро (экспертиро) дар самтҳои фаъолияти Гурӯҳи корӣ бо ҷалби мутахассисони дорои ҳуқуқи овози машваратӣ, ташкил медиҳад.

4.8. Масъалаҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносӣ баррасӣ мешаванд ва қоидаҳои кории онҳо дар ҷаласаи Гурӯҳи корӣ тасдиқ мешаванд. Гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносӣ (экспертӣ), чун қоида, дар асоси доимӣ кор карда, дар маҷлисҳои Гуруҳи корӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои омодашуда, қарорҳо ва ғайра ҳисобот медиҳанд.

## 5. Роҳбари Гурӯҳи корӣ

5.1. Рохбари Гурӯҳи корӣ намояндаи Вазорати адлияи Ҷумҳури Тоҷикистон мебошад. Роҳбари Гурӯҳи корӣ (минбаъд - Роҳбар) дар доираи ваколатҳои аз

тарафи Низомномаи мазкур ба ӯ додашуда, фаъолияти Гурӯҳи кориро ташкил менамояд.

5.2. Барои ноил шудан ба мақсад ва татбиқи вазифаҳои Гурӯҳи корӣ, Роҳбари гурӯҳи корӣ вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- фаъолияти Гурӯҳи кориро ташкилу ҳамоҳанг месозад ва бевосита роҳбарӣ менамояд;
- ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ бо иштироки хамаи тарафхои манфиатдорро ташкил мекунад ва мегузаронад;
- Барои баррасӣ ба Гурӯҳи корӣ пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи кори Гурӯҳи корӣ, лоиҳаи нақшаи кории Гурӯҳи корӣ (тағйирот ба нақшаи мазкур), инчунин рӯзномаи ҷаласаи навбатии Гурӯҳи кориро пешкаш менамояд;
- ба шахсони манфиатдор оид ба қарорхои маҷлисҳои Гурӯҳи корӣ маълумот медихад;
- аз аъзоёни Гурӯҳи корӣ маводҳоеро, ки барои иҷрои мақсаду вазифаҳои Гурӯҳи корӣ заруранд, бо тартиби муқарраргардида дархост мекунад ва мегирад;
- масъалаҳои марбут ба фаъолияти Гурӯҳи кориро барои муҳокима пешниҳод менамояд;
- бо ҷалби аъзоён ва дигар ҷонибони манфиатдор барои ичрои карорҳои Гурӯҳи корӣ чораҳо меандешад;
- дигар вазифахоеро, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст ва ба таъмини иҷрои вазифаҳои Гурӯҳи корӣ нигаронида шудаанд, ичро менамояд;
- иҷрои қарорхои гурӯҳи кориро назорат мекунад;
- дар мавриди зарурӣ барои бахшҳои алоҳида зергурӯҳҳо таъсис дода, кори гурӯҳҳои мавзӯӣ ва экспертиро ҳамоҳанг месозад;
- протоколҳои ҷаласаҳои Гурӯҳи кории байниидоравии Шӯроро омода карда пеш мебарад;
- ба Котиботи Шӯро ҳисоботи ҷамъбастии Гурӯҳи кории байниидоравиро пешниҳод менамояд.

5.3. Агар Роҳбари гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи навбатӣ иштирок карда натавонад, ҷаласаи Гурӯҳи корӣ аз ҷониби яке аз аъзоёни Гурӯҳи корӣ, намояндаи вазорат ё муассисаи дахлдор, ки аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа интихоб мешавад, бо аз тарафи ӯ иҷро кардани ваколатҳои дахлдори Роҳбари Гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи мазкур, баргузор мегардад.

## 6. Маъсулияти коти(бот)и Гурӯҳи корӣ

6.1. Котиб(от)и масъули Гурӯҳи корӣ вазифаҳои навбатиро иҷро мекунад:

- супоришҳои Роҳбари гурӯҳи кориро иҷро менамояд;

- дар асоси пешниҳоди аъзоёни Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Нақшаи кории Гурӯҳи кориро (тағйирот ба нақшаи мазкур) таҳия намуда, барои баррасӣ ба Роҳбари гурӯҳи корӣ пешниҳод менамояд;
- омодагии ташкилию техникӣ ба ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ, иҷрои карорҳои Гурӯҳи кориро таъмин менамояд;
- омодагии маводҳоро барои баррасӣ дар маҷлисҳои Гурӯҳи корӣ таъмин менамояд;
- протоколи маҷлиси Гурӯҳи кориро пеш мебарад, ки дар он сана, вақт ва ҷои баргузории ҷаласа, ному насаби аъзоёни гурӯҳи корӣ ва дигар шахсони дар ҷаласа ҳузурдошта, қарорҳои қабулкардаи аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва дигар масъалаҳои дар ҷаласа баррасишуда инъикос меёбанд;
- аъзоёни Гурӯҳи кориро на дертар аз се рӯз пеш аз гузаронидани маҷлис дар бораи сана, макон ва вақти гузаронидани маҷлиси дар пешистода ва рузномаи он огоҳ менамояд;
- ба аъзоёни Гурӯҳи корӣ равона кардани хуҷҷатҳои зарурӣ, карорҳои Гурӯҳи корӣ ва дигар маводҳоро таъмин менамояд;
- ба ташкили фаъолияти гурӯҳҳои мавзӯӣ ва экспертӣ (коршиносӣ) кӯмак мерасонад;
- мониторинги рафти иҷрои карорҳои қабулшударо таъмин намуда, дар бобати вазъи иҷрои онхо дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ ҳисобот медиҳад.

## 7. Ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ

7.1. Гурӯҳи корӣ дар доираи салоҳияти худ масъалаҳои зеринро баррасӣ мекунад:

- пешниҳодҳои аъзоёни Гурӯҳи корӣ, сохторҳои давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- масъалаҳое, ки бо ташаббуси Вазири рушди иқтисод ва савдо ва/ё воҳидҳои сохтории он пешниҳод шудаанд.

7.2. Натиҷаҳои кори гурӯҳҳои мавзӯӣ ва экспертиро мешунавад ва барои баррасии минбаъдаи масъалаҳо таклифҳо пешниход мекунад.
7.3. Таклифҳое, ки барои баррасӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ пешниҳод мешаванд, бояд дар шакли хаттӣ пешкаш шуда асоснок карда шуда бошанд.
7.4. Ба ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ шахсоне даъват шуда метавонанд, ки пешниҳодҳояшон дар ҷаласа баррасӣ карда шаванд ё шахсоне, ки ба манфиатҳояшон ҳангоми баррасии масъала таъсир расонда шавад.
7.5. Ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ вобаста ба зарурат, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.
7.6. Маҷлис дар ҳузури на камтар аз нисфи шумораи умумии аъзоёни Гурӯҳи корӣ гузаронидашуда ба ҳисоб меравад.

## 8. Қабули қарор аз тарафи Гурӯҳи корӣ

8.1. Ҳар як аъзои Гурӯҳи корӣ як овоз дорад.
8.2. Қарори Гуруҳи корӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро бо аксарияти маъмулии овозҳо қабул карда мешавад. Ақидаи Роҳбари Гурӯҳи корӣ дар сурати баробарии овозҳои аъзоёни Гурӯҳи корӣ ҳалкунанда мебошад.
8.3. Аъзоёни Гурӯҳи корӣ, инчунин шахсоне, ки барои иштирок дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ даъват шудаанд, ва бо қарори қабулгардида розӣ нестанд, ҳуқуқ доранд хулосаи махсус тартиб дода онро ба қарор замима кунанд.
8.4. Қарорҳои Гурӯҳи корӣ тавсияҳо ва дастурҳоеро дар бар мегиранд, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи аъзоёни он ҳатмӣ мебошанд.
8.5. Қарори Гуруҳи корӣ дар шакли хаттӣ (дар шакли протокол) тартиб дода мешавад ва аз ҷониби роҳбар имзо карда мешавад.

## 9. Муқаррароти ниҳоӣ

9.1. Гурӯҳи корӣ барои иҷрои вазифаҳо мутобиқи Низомномаи мазкур ҳуқуқ дорад аз аъзоёни Гурӯҳи корӣ, шахсони сеюм маълумоти заруриро барои омӯзиши пурра, ҳамаҷониба ва объективии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Гурӯҳи корӣ дохил мешаванд, талаб намояд.
9.2. Гурӯҳи кори барои омӯзиши пурра ва ҳаматарафаи масъалаи баррасишаванда ҳуқуқ дорад коршиносонро ҷалб намояд.
9.3. Натиҷаҳои фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар вебсайти расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҷойгир карда шуда, дар ҳолати зарурӣ ба ВАО пешниҳод карда мешаванд.